Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100
назди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
(734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст.

Дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ ва тақвияти робитаҳои иқтисодии байналмиллалӣ, ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни кишварҳо махсусан муҳим аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди муносибатҳо бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) самти калидии сиёсати иқтисодии хориҷӣ мебошад. Масъалаи мазкур махсусан аз сабаби зарурати васеъ кардани бозорҳои хориҷӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, рушди инфрасохтори саноатӣ ва нақлиётӣ инчунин тақвияти амнияти иқтисодии кишвар муҳим аст.

Мавриди зикр аст, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи СҲШ, Тоҷикистон имкониятҳои иловагиро барои тақвияти муносибатҳои мутақобилан судманд бо шарикони асосии иқтисодӣ, аз қабили Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ва Ҷумурии Белоруссия ба даст меорад.

Ин кишварҳо дорои иқтидорӣ назарраси иқтисодӣ, саноатӣ, илмӣ, техникӣ ва сармоягузорӣ мебошад. Ба андешаи мо иштирок дар ин созмон имкониятҳои иловагиро барои тақвияти робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҷалбӣ сармоягузорӣ, рушди истеҳсолот ва васеъ кардани иқтидори содиротӣ фароҳам меорад. Ҳамзамон таваҷҷӯҳи махсус бояд ба рушди истеҳсолоти ватанӣ, афзоиши содироти маҳсулоти тайёр, истифодаи техналогияҳои муосир ва васеъ кардани имкониятҳои нақлиётӣ ва логистикӣ равона карда шавад.

Қобили тазакур аст, ки дар давраи дарозмуддат, истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии СҲШ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони медиҳад, ки мавқеи худро дар иқтисодиёти минтақави мустаҳкам кунад ва рушди устуворро таъмин кунад. Аз ин дидгоҳ, ҳамкорӣ бо ин созмон барои рушди устувори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷкистон аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар раванди таҳқиқот унвончӯ доираи васеи осори илмии муҳақиқони иқтисодии ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки онҳо ба масъалаҳои калидии назариявӣ ва амалии рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисоди дар доираи ҳамгирои иқтисодӣ бахшида шудаанд. Пеш аз ҳама омӯзиши ин сарчашмаҳои илмӣ ба унвончӯ имкон фароҳам овардаанд, ки заминаи илмии таҳқиқот мустаҳкам гардида, такмили ин ҳамкориҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷамбаст карда шавад.

Гузашата аз ин муаллиф дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ дар саҳ 14-уми автореферат модели рушди тиҷорати байналмилалиро дар ҳошияи ҳамгирои иқтисодӣ пешниҳод намудааст, ки арзиши илмии таҳқиқотро боз ҳам баланд мегардонад.

Дар баробари ин муаллиф дар таҳқиқоти худ таҳлили ҳамаҷонибаи тамоюлҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай барраси намуда хулосаҳои мушахаси илмии худро байён намудааст. Инчунин дар асоси таҳлил муаллиф омилҳои асосие, ки ҳам ба рушд ва ҳам ба коҳишёбии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи СҲШ оварда мерасонанд муайян намудааст. (саҳ 23)

Унвончӯ дуруст қайд менамояд, ки яке аз самтҳои асосие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз ҳамкори бо кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай баҳра барад ин ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад. Дар заминаи таҳлили амиқи маълумотҳои оморӣ муҳаққиқ ба чунин хулосае меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шарики стратегии СҲШ барои тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии худ бо кишварҳои дигари ин созмон дурнамои бузург дорад, ки қобили қабул аст.

Дар баробари ин муаллиф самтҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай таҳқиқ намуда роҳҳои ҳимоявии манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай муайян намуда, дар ин замина дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар шароити нави геоиқтисодӣ пешниҳод кардааст.

Арзиши илмии дигари таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар (сах.27 ҷадвали 5) - и автореферат SWOT-таҳлил оид ба иштироки иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар СҲШ-ро таҳия намудааст. Ҳамзамон дар асоси таҳлил унвонҷӯ дар (сах. 29 расми 3) пешниҳодҳои мушаххаси худро оид ба самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви СҲШ пешниҳод намудааст, ки қобили дастгири мебошад.

Дар маҷмӯъ муаллиф дар асоси натиҷаҳои бадастомада як қатор тавсияҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки барои рушд ва такмили муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай мусоидат хоҳанд кард.

Гарчанде автореферати диссертатсия дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, дар он баъзе масъалаҳои баҳсбарангез ва норасогиҳои алоҳида мушоҳида мегарданд.

1. автореферат аз ҷихати сохтор ва мазмун дорои маводи зиёди илмӣ мебошад, аммо баъзе ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бештар хусусияти тавсифӣ доранд. Ба андешаи мо, таҳкими таҳлили натиҷаҳои ҷадвалу диаграммаҳо сифати илмӣ диссертатсияро боз ҳам беҳтар мегардонад.

2. дар афтреферат аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ пешниҳод гардидааст, хуб мешуд агар ин самтҳо боз ҳам муфассалтар инъикос мегардиданд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ, навгонӣ ва арзиши амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд.

Автореферати диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилона ва ба охиррасидаи муаллиф шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои илмии он барои такмили муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) мусоидат менамоянд. Мақолаҳои унвончӯ муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Дар умум, автореферати диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, Иброҳимзода Амир Муддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

Муқарриз:
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
кафедраи иқтисодиёти
байналмилалии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон **Ақилҷонов Ф.Ш.**

«31» октября **2026 с.**

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ақилҷонов Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорат **Абдуназаров А.Ҷ.**
«31» октября **2026 с.**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 63/3.
Тел.: +992(37) 234-79-87
E-mail: rektorat-favri-tut@mail.ru